# ПРОТОКОЛИ №118-КЭ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 24 феврали соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**а**з 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Сафаров Ш.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ Сафаров Ш.А., котиби илмии шуро Муҳиддинзода Б. ва аъзои шурои диссертатсионӣ Рӯзиева Л.Т.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
- доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.;
- доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.;
- номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова